# ТАҚРИЗИ

мукарризи расмии кори диссертатсионии Билим Муҳаммад Усмон дар мавзӯи “**Барқароркунии системаи шаҳрсозӣ ва ташаккули сохтори тарҳии шаҳрҳои калони маркази вилоятҳои Афғонистон”,** барои дарёфти дараҷаи илмии номзади меъморӣ аз рӯи ихтисоси **05.23.22** – “Шаҳрсозӣ, тарҳрезии маҳалҳои зисти деҳот”

***Муҳимияти мавзӯи рисола.***

Мухимияти кори диссертатсионии Билим М. У., аз проблемахои набудани асосҳои танзимшавандаи банақшагирӣ ва афзоиши мутташаккили шаҳришавӣ вазъи кунунии рушди шаҳрро тавсиф намуда, ва нодурусти тарақиёти ояндаи шаҳрҳоро дар маркази вилоятҳои Афғонистон муайян месозад. Вазъи имрӯзаи тарҳрезии шаҳрҳои калон бо манзилҳои фарсудаву мавзеҳҳои ободнашудаи шаҳрӣ, инфрасохтори иҷтимоии номукамал ва мухити меъмории онхоро тавсиф мекунад.

Шаҳрҳо ҳар сол ҳудуди худро васеъ намуда, бидуни лоиҳаи шаҳрсозӣ ва накшаҳои генералии махсус тартиб додашуда бо биноҳои истиқоматии фарсуда, ки дар давоми сохтори таърихии гузашта бунёд шудаанд, босуръат инкишоф мееёбанд. Аз ин рӯ ислоҳот дар системаи муташаккилонаи фаъолияти шаҳрсозӣ метавонад ба рушди асоси банақшагирии сохтори шаҳр ва муайян намудани ҳудудҳои аниқи маҳаллаи истиқоматӣ ва минтақаи истеҳсолии онҳо мусоидат намояд.

Яке аз мушкилиҳои асосии ташаккули шаҳрҳои калони Афғонистон - таъмини оби ошомиданӣ дар маҳаллаҳои истиқоматӣ мебошад. Валем муҳим аст, ки обҳои мазкури истеъмолӣ такроран ташхис шаванд, то маълум гардад, ки обҳои мазкур тозаву пок ва касаловар нестанд. Илова бар он ҳеҷ яке аз шаҳрҳои Афғонистон бо системаи маҷмӯии обихроҷӣ (канализатсия) фарогир нестанд. Дар 13 вилоят хонаводаҳо дорои ташноби муосире, ки ба системаи обихроҷӣ васл бошад, дастрасӣ надоранд. Ин тамоюли беназоратии шаҳршавӣ боиси бесарусомонӣ ва вайрон кардани тамоми асосҳои меъёрии рушди шаҳр мегардад, ки он боиси ташаккули симои носолим ва аз ҷиҳати экологӣ вайроншудаи маҳалҳои истиқоматии наздишаҳрӣ мешавад.

Аз ин лихоз, қайд кардан зарур аст, ки танзими шаҳрсозӣ бо танзими иҷтимоию иқтисодии рушди шаҳр алоқамандии зич дорад ва мақсад дар он аст, ки он яке аз воситаҳои асосии расидан ба ҳадафҳои дорои аҳамияти иҷтимоии рушди шаҳр бошад. Идоракунии шаҳрдорӣ ва банақшагирии рушди шаҳрҳои калони Афғонистон бо истифодаи аз усулҳо нави ҳуқуқиву иҷтимоӣ, метавонад ба шароити имруза тағйирёфти рушди шаҳрсозӣ таъсир расонад.

***Сатҳи асоснокии мақоми илмӣ, хулоса ва тавсияҳо.***

Билим М.У. мавзӯи рисолаи илмии худро дар асоси методологияи ягонаи илмию таҳқиқотӣ, лоиҳакашии таҷрибавӣ, фаъолияти сохтмонӣ ва истифодабарии биноҳо бо барномаи ягона таҳия намуда, амалисозии илмии методикаи таҳқиқотро дар асоси корҳои зерини иҷрошуда пешбинӣ намудааст:

- таҳлили маълумоти оморӣ, ки ҳолат ва ҷараёни инкишофи тартиб ва ташаккулёбии манзили шаҳрӣ дар шароити Афғонистонро муайян месозад;
- омӯзиши натиҷаҳои таҳқиқи воқеъии мавҷуда, ки аз тарафи дигар муҳақиқон ва мутахассисон гузаронида шудаанд;
- таҳқиқоти таҳлиливу танқидӣ дар асоси омӯзиши адабиётҳо оиди масъалаҳои назариявии шаҳрсозӣ ва инчунин лоиҳакашӣ ва сохтмони маҳалҳои аҳолинишин;
- таҳияи пешниҳодҳо оид ба такмили принсипҳои банақшагирии тарҳи маҳалҳои истиқоматии шаҳрҳои калон - маркази вилоятҳо дар шароити муосири шаҳрсозӣ;
- муайян кардани роҳҳои нави танзим ва усулҳои ҳалли бунёди манзили камошёна дар минтақаҳои шароити релефашон мураккаби ноҳияҳои наздикӯҳӣ.

***Ҳадафи кори диссертатсионии*** муаллиф истифода аз системаи шаҳрсозӣ ва таҳияи заминаи методологӣ ва ҳуқуқии ташаккули сохтори тарҳрезии шаҳрҳои калон – таҳлил ва рушди барномаи миллии соҳаи шаҳрсозӣ ва инчунин муайян намудани дурнамои ташаккули шаҳррои Афғонистон пешниход карда аст.

***Мутобиқи ҳадафи гузошташуда*** вазифахои зерини дар пеш гузоштаанд – дар оянда, мувофиқи рушди устувори маҳалҳои зисти шаҳрҳо дар Афғонистон, мудохилаҳо ба фаъолияти шаҳрсозӣ бояд мувофиқ бо навъи хоси ташаккули шаҳрҳои бузург ва калон сурат бигирад. Дар барномасозии нақшаи тарҳи шаҳри Кобул ва марказҳои минтақавӣ, аз ҷумла марказҳои вилоятӣ бо ҳамбастагии тарҳрезии деҳаҳо ва заминҳои озоди назди шаҳрӣ дар назар бояд гирифта шаванд. Ба хотири фароҳамсозии заминаи рушди ботавозун ва боинсофонаву боадолатона аз нигоҳи муайянкунии тарҳи маҳалҳои истиқоматии шаҳрӣ дар даҳсолаҳои оянда дар системаи идоракунии сохтори маҳалҳои шаҳрҳо бояд як стратегияи миллии ташаккули маконӣ ба вуҷуд ояд, то ин ки бо ин тартиб аз фишор болои маҳалҳои зисти шаҳри Кобул ва маркази вилоятҳои Афғонистон кам карда шавад.

Модели идеалии идоракунии шаҳрсозӣ аз се сатҳ бояд иборат бошад: умумидавлатӣ, минтақавӣ ва шаҳрӣ. Комплекси шаҳрсозӣ барои таҳияи

бомуваффақияти барномаҳои умумидавлатии Афғонистон оиди рушди саноат, нақлиёт, манзил ва коммуналӣ аҳамияти калон дорад.

***Навгонии илмии*** кори диссертатсиониии Билим М.У. аз натиҷаҳои зерин дар пеш гузоштаашро мавриди ичро карор додааст:

– оид ба барқарор намудани системаи банақшагирии шаҳрсозӣ барои рушди устувори шаҳрҳои калон - марказҳои вилоятҳои Афғонистонро таҳия ва асоснок кардааст;

– оид ба ташаккули маҳаллаҳои истиқоматии камошёна дар сохтори тарҳи шаҳрҳои калон,бо назардошти истифодаи анъанаҳои маҳаллӣ, дар релефи доманакӯҳии Афғонистон таҳия ва пешниҳод кардааст;

– модели ташаккули сохтори ибтидоии банақшагирии минтақаҳои истиқоматии анъанавии камошёнаро дар нақшаи шаҳри калон - маркази вилоят пешниҳод кардааст;

– заминаи методӣ оид ба тарҳрезии “маҳаллаҳои анъанавӣ” бо биноҳои камошёнаи дастраси мардумӣ ва марказҳои иҷтимоӣ,ҳамчун шаклҳои ибтидоии шаҳрсозӣ дар робита бо шароити рушди муосир ва ояндаи шаҳрҳои таърихӣ дар минтақаҳои наздикӯҳӣ пешниҳод шудааст.

***Моҳияти назариявӣ ва амалии* кор** нуқтаҳои зеринро дар бар мегирад:

– таҳлили маълумоту маводҳои иқлимиву табиӣ, иҷтимоӣ-демографӣ, оморӣ, нишондиҳандаҳои тарроҳӣ ва маводҳо, ки назардошти хусусиятҳо ва талаботи меъёрии минтақавиро барои танзими системаи шаҳрсозӣ ва ташаккули сохтори мавзеъҳои шаҳрҳои калон – маркази вилоятҳои Афғонистонро муайян менамояд;

– таҳлили таҷрибаи тарҳрезии нақшаҳои генералии шаҳрҳо ва муайян кардани роҳҳои нави идоракунии ташаккулёбии шаҳрӣ;

– пешниҳоди татбиқи системаи нави шаҳрсозӣ дар асоси рушди устувори тарроҳии сохтори шаҳрӣ дар шароити релефи кӯҳӣ.

Муаллифи кори илмӣ ***барои дифоъ*** нуқтаҳои зеринро пешниход менамояд, ки он мавкеъхои зеринро дар бар гирифтааст:

– таҳия ва асосноккунии барқарор намудани системаи банақшагирии шаҳрсозӣ барои рушди устувори шаҳрҳои калон - марказҳои вилоятҳои Афғонистон;

– таҳия ва пешниҳод оид ба ташаккули маҳаллаҳои истиқоматии камошёна дар сохтори тарҳи шаҳрҳои калон, бо назардошти истифодаи анъанаҳои маҳаллӣ, дар релефи доманакӯҳии Афғонистон;

– заминаи методӣ оид ба тарҳрезии “маҳаллаҳои анъанавӣ” бо биноҳои камошёнаи дастраси мардумӣ ва марказҳои иҷтимоӣ, ҳамчун шаклҳои

ибтидоии шаҳрсозӣ дар робита бо шароити рушди муосир ва ояндаи шаҳрҳои таърихӣ дар минтақаҳои наздикӯҳӣ.

***Сахами шахсии муаллиф*** аз таҳлил ва батартибоварии натиҷаҳои таҳқиқоти шароити иқлимиву табиӣ, иқтисодӣ - иҷтимоӣ ва тарроҳиву масофатии ташаккули шаҳр, ҷамбасти натиҷаҳо оиди таҳлили нақшаҳои генералии шаҳрҳо ва пешниҳоди тавсияҳо оидиташаккули системаи шаҳрсозӣ дар асоси батартибоварии ҳуқуқии шаҳрдории Афғонистон, асоснок намудани тарзи ҷустуҷӯи лоиҳа ва пешниҳоди модели тарҳи маҳаллаҳои аввалияи истиқоматии шаҳрӣ бо маркази иҷтимоияш дар релефи доманакӯҳӣ иборат мебошад.

***Диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмии*** 05 23 22 – Шаҳрсозӣ, тарҳрезии маҳалҳои зисти деҳот мувофиқат мекунад: шарҳи ихтисос - амалисозии фаъолияти шаҳрсозӣ бо риояи меъёрҳо ва қоидаҳои шаҳрсозӣ, фаъолияти шаҳрсозӣ бо риояи талаботи муҳандисию техникӣ, таъмини рушди устувори ҳудудҳо дар асоси банақшагирии ҳудудӣ ва тақсимкунии минтақавии шаҳрсозӣ; соҳаи таҳқиқот – ҷанбаҳои ташаккули меъморию экологӣ, иҷтимоӣ, иқтисодии объектҳои шаҳрсозӣ мебошад.

***Тасвибият ва амалисозии*** натиҷаҳои диссертатсия. Муқаррароти асосии кори диссертатсионӣ дар чорабиниҳои зерин баррасӣ ва муҳокима карда шудааст: дар конференсияи байналмилалии илмӣ-амалии донишҷӯён, унвонҷӯён ва олимони ҷавони ДТТ ба номи академик М.Осимӣ (Душанбе, с. 2016); дар конференсияи байналмилалии илмӣ-амалии донишҷӯён, унвонҷӯён ва олимони ҷавони ДТТ ба номи академик М.Осимӣ (Душанбе, с. 2017); дар конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ-амалӣ. ДТТ ба номи академик М.Осимӣ (Душанбе, с. 2019); дар конференсияи байналмилали илмӣ-амалӣ ”Меъморӣ ва шаҳрсозии Тоҷикистон: дар гузашта, имрӯза ва оянда”.(Душанбе, 2022); пайёми политехникӣ. (силсилаи таҳқиқоти муҳандисӣ) ДТТ ба номи акад. М.С. Осимӣ (ш. Душанбе, №2/4. 2017, №1(45) 2018, №1(45) 2019, №2(52) 2021 с.).

***Интишорот оид ба мавзӯи диссертатсия.*** Мазмуни асосии таҳқиқоти диссертатсионӣ дар 8 мақолаи илмӣ, аз ҷумла 4 мақола дар маводҳои конференсияҳои илмӣ-амалӣ ва 4 мақола дар нашрияҳои аз ҷониби КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон тавсияшуда нашр гардидаанд.

***Ҳаҷм ва таркиби рисола.*** Рисола аз матни диссертатсия (152 саҳифа), муқаддима, се боб, натиҷаҳои асосии илмии таҳқиқот, хулосаҳо, тавсияҳо барои истифодаи амалии натиҷаҳо, рӯйхати адабиёт (121 номгӯй), рӯйхати тасвирҳо иборат аст. Инчунин панҷ замима бо маводхои тасвирӣ (нақшаҳо,

генпланҳо, диаграммаҳо ва расмҳо дар 41 саҳифа), мазмуни диссертацияро пурра карда, ҳаҷми умумии он 204 саҳифаро ташкил медиҳад.

***Арзиши навгонӣ ва эътимоднокии рисола.*** Ба сифати натичахои илмии чадид аз тарафи муаллиф гояхои асосии принсипи методологии ягонагии раванди таҳқиқот, фаъолияти назариявӣ ва таҷрибавӣ таҳия гардида, дар асоси барномаи ягона амалӣ карда шуда, заминаи методӣ оид ба тарҳрезии "маҳаллаҳои анъанавӣ" бо биноҳои камошёнаи дастраси мардумӣ ва марказҳои иҷтимоӣ, ҳамчун шаклҳои ибтидоии шаҳрсозӣ дар робита бо шароити рушди муосир ва ояндаи шаҳрҳои таърихӣ дар минтақаҳои наздикӯҳӣ пешниҳод гардидааст.

Дар умум, бояд зикр намуд, ки натиҷаҳои илмии бадастовардаи унвонҷӯ Билим М.У. дастовардҳои ҷадиди илмӣ дар соҳаи меъморӣ аз рӯи ихтисоси 05 23 22 – Шаҳрсозӣ, тарҳрезии маҳалҳои зисти деҳот ба ҳисоб меравад.

***Камбудӣ ва эродҳо оиди рисолаи илмӣ:***

1. мутаассифона, дар баробари бартарихои бахснашаванда, мебоист методи ЦНИИП-ро (шахрсозй аз чихати географи, геологии ва экологи) ба назар гирифт. Вобаста ба ин, муалифро мебоист ба тачрибаи давлатхои аз чихати географи, экологи монанд ба Афғонистон (Швейцария, Италия, Швеция, Туркия, Австрия, Эрон, Точикистон ва г.х.) ахамияти бештар дихад.

2. бояд таҳлил (ҳадди ақал баррасии) карда мешуд - таҷрибаи шахрсозии фазой зеризаминиро аз руи тачрибаи шахрхои алохидаи чахон, ки шароити иклими гарм доранд (Техрон ва гайра) ба назар гирифт. Дар шахрхое, ки заминхои барои сохтмон ва азхудкунй мувофик кариб тамом шудаанд, азхуд намудани фазой зеризаминй ахамияти калон пайдо мекунад.

3. аз руи натичахо бояд мушаххас карда мешуд харитаи нохиябандии (зонирования) худуди шахри Кобул. Ки барои пешгӯии аввалини минтака дар мархилаи накшаи генерали муфид мебошанд. Харита ба максадхои мухофизати мухити зист ва табиат, инчунин ба накшагирии стратегии ахолинишин ва ободонии тақвият дода мешавад.

4. дар баъзе аз бахшҳои кор («Хулоса ва тавсияҳо») бандҳо такроран аз қисмҳои аввали кор дарҷ гардидаанд. Мебоист дар бахш хулоса ва тавсияҳои (методические рекомендаций) мушахастар пешниҳод шавад. Барои аник кардани натичахои баходихии дар худуди шахр.

Бояд зикр намуд, ки новобаста аз камбудиҳои дар кори диссертатсионӣ ҷойдошта, онҳо наметавонанд сатҳу сифати ба қадри кофӣ баланди рисолаи Билим М.У- ро коста гардонанд.

***Хулоса***

Ба назари мо, кори диссертатсионии унвонҷӯ БИЛИМ Муҳаммад Усмон, кори илмӣ-таҳқиқотии баитмомрасида буда, аз тарафи муаллиф мустаъқилона ва дар сатҳи баланди илмӣ-амалӣ ба иҷро расидааст. Автореферати диссертатсия мухтасару пурра таҳия гардида, куллан, ба тариқи фишурда мутобиқи мазмун ва мундариҷаи диссертатсия мебошад. Хулосаҳои асосии кори диссертатсионӣ ва тавсияҳои дар он дарҷгардида аз нуқтаи назари илмӣ асоснок ва боэътимод мебошанд.

Кори диссертатсионии Билим Муҳаммад Усмон дар мавзӯи “Барқароркунии системаи шаҳрсозӣ ва ташаккули сохтори тарҳии шаҳрҳои калони маркази вилоятҳои Афғонистон”, барои дарёфти дараҷаи илмии номзади меъморӣ аз рӯи ихтисоси **05.23.22** – “Шаҳрсозӣ, тарҳрезии маҳалҳои зисти деҳот” ҷавобгӯ ба талаботи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, мутобиқи Низомнома оиди тартиби додани дараҷа ва унвонҳои илмӣ мебошад, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, тахти № 267 тасдиқ гардидааст.

Муқаррizi расмӣ, доктори илмхои техникӣ,
профессор, мушовири РААСН, академики РАЕ,
мудири кафедраи “Шахарсози ва хоҷагӣ” Донишкадаи
меъмориву сохтмони Самарқанд, Ҷумҳурии
Ӯзбекистон. Шукуров И.С.

U. Шукуров NING IMZOSINI
TASDIQLAYMAN
KB BOSH...

XODIMLAR BO'LIMI
SamDAQI

*«03» 02 2023 с.*

*Имзои доктори илмхои техникӣ, профессор Шукуров И.С.-ро тасдиқ менамоям:*

*Мудири шӯбаи кадрҳо ______________ «03» 02 2023*

Имзо руз, мох, сол ному насаб

# ТАҚРИЗИ

муқарризи расмии кори диссертатсионии БИЛИМ Муҳаммад Усмон дар мавзӯи **“БАРҚАРОРКУНИИ СИСТЕМАИ ШАҲРСОЗӢ ВА ТАШАККУЛИ СОХТОРИ ТАРҲИИ ШАҲРҲОИ КАЛОНИ МАРКАЗИ ВИЛОЯТҲОИ АФҒОНИСТОН”**, барои дарёфти дараҷаи илмии номзади меъморӣ аз рӯи ихтисоси **05 23 22** – Шаҳрсозӣ, тарҳрезии маҳалҳои зисти деҳот

***Муҳимияти мавзӯи рисола.***

Афғонистон мавқеъи нисбатан хоси ҷуғрофӣ ва шаҳрсозӣ дошта, системаи махсуси ташаккули шаҳрҳои калону бузургро дар минтақаи Осиёи Марказӣ доро аст. Шаҳрсозии Афғонистон дар аксари мавридҳо, ҳамчун як навъ воҳиди ҳудудии таърихан рушдёфта, бо сохтори шаҳрии номуташаккилона ба вуҷуд омада мебошад.

Дар ҳудудҳои калони шаҳрӣ — марказҳои вилоятҳои Афғонистон, дар натиҷаи афзоиши ғайричашмдошти шумораи аҳолӣ, дигаргуншавии ҳудудии шаҳрҳо ба амал меоянд. Ин шароит ба азхудкунии нобаробари ҳудуди шаҳрҳо мусоидат намуда, системаи шаҳрсозӣ ва ҳолати экологии шаҳрҳоро халалдор мегардонад. Шаҳрҳои калону бузурги Афғонистон дар сохтори маскуният ҳамчун маркази назарраси маҳалҳои зисти деҳот ва асоси пойгоҳии тараққиёти иқтисодию иҷтимоии вилоятҳои кишвар буданд ва мемонанд.

Дар рушди шаҳришавӣ ва афзоиши идоранашавандаи ҳудудҳои шаҳрӣ, муайян кардани сиёсати нави шаҳрсозӣ дар самти ташаккул ва заминаи консептуалии рушди шаҳрҳои калон - марказҳои вилоятҳо, ҳамчун танзимгари рушди устувори ҳудудию иҷтимоии минтақаҳои марказии Афғонистон муҳим мебошад.

Аз ин рӯ ислоҳот дар сиёсати шаҳрсозии мамлакат барои ба тартиб овардани натиҷаҳои харобиовари ҷангӣ шаҳрвандӣ ва муайян кардани самти дурусти шаҳрсозӣ дар дар Ҷумҳурии Исломии Афғонистон зарур аст. Такмил додани заминаи сиёсии реҷаи миллии шаҳрсозӣ, дар асоси муайян намудани меъёру қоидаҳои ҳуқуқии шаҳрсозӣ барои танзими афзоиши ҳудудӣ, дар баробари баланд бардоштани аҳамияти принсипҳои нави шаҳрсозӣ зарур аст.

***Сатҳи асоснокии мақоми илмӣ, хулоса ва тавсияҳо.***

Билим М.У. мавзӯи рисолаи илмии худро дар асоси методологияи ягонаи илмию таҳқиқотӣ, лоиҳакашии таҷрибавӣ, фаъолияти сохтмонӣ ва истифодабарии биноҳо бо барномаи ягона таҳия намуда, амалисозии илмии методикаи таҳқиқотро дар асоси корҳои зерини иҷрошуда пешбинӣ намудааст:

- таҳлили маълумоти оморӣ, ки ҳолат ва ҷараёни инкишофи тартиб ва ташаккулёбии манзили шаҳрӣ дар шароити Афғонистонро муайян месозад;
- омӯзиши натиҷаҳои таҳқиқи воқеъии мавҷуда, ки аз тарафи дигар муҳақиқон ва мутахассисон гузаронида шудаанд;

- таҳқиқоти таҳлиливу танқидӣ дар асоси омӯзиши адабиётҳо оиди масъалаҳои назариявии шаҳрсозӣ ва инчунин лоиҳакашӣ ва сохтмони маҳалҳои аҳолинишин;

- таҳияи пешниҳодҳо оид ба такмили принсипҳои банақшагирии тарҳи маҳалҳои истиқоматии шаҳрҳои калон - маркази вилоятҳо дар шароити муосири шаҳрсозӣ;

- муайян кардани роҳҳои нави танзим ва усулҳои ҳалли бунёди манзили камошёна дар минтақаҳои шароити релефашон мураккаби ноҳияҳои наздикӯҳӣ.

***Ҳадафи кори диссертатсионии*** муаллиф аз такмил додани системаи шаҳрсозӣ ва корбасти асосҳои методии ташаккули сохтори тарроҳии шаҳрҳои калон, маркази вилоятҳои Афғонистон иборат мебошад.

Бахри ба ҳадаф расидан, унвонҷӯй ***вазифаҳои*** зерини дар пеш гузоштаашро мавриди иҷро қарор додааст:

- омӯзиши асосҳои таърихӣ ва иқтисодӣ-иҷтимоии ташаккули шаҳрҳои калон ва муайян кардани равияи нав дар шаҳрсозии маркази вилоятҳои Афғонистон;

- муайян намудани омилҳои асосии бевосита бо шароити рушди шаҳрҳо таъсиррасон, ки дар ин замина принсипҳои танзими шаҳрсозии маҳалҳои истиқоматӣ муайян карда мешаванд;

- таҳияи пешниҳодҳо оид ба такмили принсипҳои банақшагирии тарҳи маҳалҳои истиқоматии шаҳрҳои калон - маркази вилоятҳо дар шароити муосири шаҳрсозӣ;

- муайян кардани роҳҳои нави танзим ва усулҳои ҳалли бунёди манзили камошёна дар минтақаҳои шароити релефашон мураккаби ноҳияҳои наздикӯҳӣ.

***Навгонии илмии*** кори диссертатсиониии Билим М.У. аз натиҷаҳои зерин иборат мебошанд:

- оид ба барқарор намудани системаи банақшагирии шаҳрсозӣ барои рушди устувори шаҳрҳои калон - марказҳои вилоятҳои Афғонистонро таҳия ва асоснок кардааст;

- оид ба ташаккули маҳаллаҳои истиқоматии камошёна дар сохтори тарҳи шаҳрҳои калон,бо назардошти истифодаи анъанаҳои маҳаллӣ, дар релефи доманакӯҳии Афғонистон таҳия ва пешниҳод кардааст;

- модели ташаккули сохтори ибтидоии банақшагирии минтақаҳои истиқоматии анъанавии камошёнаро дар нақшаи шаҳри калон - маркази вилоят пешниҳод кардааст;

- заминаи методӣ оид ба тарҳрезии “маҳаллаҳои анъанавӣ” бо биноҳои камошёнаи дастраси мардумӣ ва марказҳои иҷтимоӣ,ҳамчун шаклҳои ибтидоии шаҳрсозӣ дар робита бо шароити рушди муосир ва ояндаи шаҳрҳои таърихӣ дар минтақаҳои наздикӯҳӣ пешниҳод шудааст.

***Моҳияти назариявӣ ва амалии* кор** нуктаҳои зеринро дар бар мегирад:

- таҳлили маълумоту маводҳои иқлимиву табиӣ, иҷтимоӣ-демографӣ, оморӣ, нишондиҳандаҳои тарроҳӣ ва маводҳо, ки назардошти хусусиятҳо ва талаботи меъёрии минтақавиро барои танзими системаи шаҳрсозӣ ва ташаккули сохтори мавзеъҳои шаҳрҳои калон – маркази вилоятҳои Афғонистонро муайян менамояд;

- таҳлили таҷрибаи тарҳрезии нақшаҳои генералии шаҳрҳо ва муайян кардани роҳҳои нави идоракунии ташаккулёбии шаҳрӣ;

- пешниҳоди татбиқи системаи нави шаҳрсозӣ дар асоси рушди устувори тарроҳии сохтори шаҳрӣ дар шароити релефи кӯҳӣ.

Муаллифи кори илмӣ ***барои дифоъ*** нуқтаҳои зеринро пешниҳод намудааст:

- таҳия ва асосноккунии барқарор намудани системаи банақшагирии шаҳрсозӣ барои рушди устувори шаҳрҳои калон - марказҳои вилоятҳои Афғонистон;

- таҳия ва пешниҳод оид ба ташаккули маҳаллаҳои истиқоматии камошёна дар сохтори тарҳи шаҳрҳои калон, бо назардошти истифодаи анъанаҳои маҳаллӣ, дар релефи доманакӯҳии Афғонистон;

- заминаи методӣ оид ба тарҳрезии "маҳаллаҳои анъанавӣ" бо биноҳои камошёнаи дастраси мардумӣ ва марказҳои иҷтимоӣ, ҳамчун шаклҳои ибтидоии шаҳрсозӣ дар робита бо шароити рушди муосир ва ояндаи шаҳрҳои таърихӣ дар минтақаҳои наздикӯҳӣ.

***Диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмии*** 05 23 22 – Шаҳрсозӣ, тарҳрезии маҳалҳои зисти деҳот мувофиқат мекунад: шарҳи ихтисос - амалисозии фаъолияти шаҳрсозӣ бо риояи меъёрҳо ва қоидаҳои шаҳрсозӣ, фаъолияти шаҳрсозӣ бо риояи талаботи муҳандисию техникӣ, таъмини рушди устувори ҳудудҳо дар асоси банақшагирии ҳудудӣ ва тақсимкунии минтақавии шаҳрсозӣ; соҳаи таҳқиқот – ҷанбаҳои ташаккули меъморию экологӣ, иҷтимоӣ, иқтисодии объектҳои шаҳрсозӣ мебошад.

Саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ дар таҳқиқот аз таҳлил ва батартибоварии натиҷаҳои таҳқиқоти шароити иқлимиву табиӣ, иқтисодӣ-иҷтимоӣ ва тарроҳиву масофатии ташаккули шаҳр, ҷамбасти натиҷаҳо оиди таҳлили нақшаҳои генералии шаҳрҳо ва пешниҳоди тавсияҳо оиди ташаккули системаи шаҳрсозӣ дар асоси батартибоварии ҳуқуқии шаҳрдории Афғонистон, асоснок намудани тарзи ҷустуҷӯи лоиҳа ва пешниҳоди модели тарҳи маҳаллаҳои аввалияи истиқоматии шаҳрӣ бо маркази иҷтимоияш дар релефи доманакӯҳӣ иборат мебошад.

***Тасвибият ва амалисозии*** натиҷаҳои диссертатсия. Муқарраротҳи асосии кори диссертатсионӣ дар чорабиниҳои зерин баррасӣ ва муҳокима карда шудааст: дар конференсияи байналмилалии илмӣ-амалии донишҷӯён, унвонҷӯён ва олимони ҷавони ДТТ ба номи академик М.Осимӣ (Душанбе, с. 2016); дар конференсияи байналмилалии илмӣ-амалии донишҷӯён, унвонҷӯён ва олимони ҷавони ДТТ ба номи академик М.Осимӣ (Душанбе, с. 2017); дар конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ-амалӣ. ДТТ ба номи академик М.Осимӣ (Душанбе, с. 2019); дар конференсияи байналмилали илмӣ-амалӣ "Меъморӣ ва шаҳрсозии Тоҷикистон: дар гузашта, имрӯза ва оянда".(Душанбе, 2022); пайёми политехникӣ. (силсилаи таҳқиқоти

муҳандисӣ) ДТТ ба номи акад. М.С. Осимӣ (ш. Душанбе, №2/4. 2017, №1(45) 2018, №1(45) 2019, №2(52) 2021 с.).

***Интишорот оид ба мавзӯи диссертатсия.*** Мазмуни асосии таҳқиқоти диссертатсионӣ дар 8 мақолаи илмӣ, аз ҷумла 4 мақола дар маводҳои конференсияҳои илмӣ-амалӣ ва 4 мақола дар нашрияҳои аз ҷониби КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон тавсияшуда нашр гардидаанд.

***Ҳаҷм ва таркиби рисола.*** Рисола аз матни диссертатсия (148 саҳифа), муқаддима, се боб, натиҷаҳои асосии илмии таҳқиқот, хулосаҳо, тавсияҳо барои истифодаи амалии натиҷаҳо, рӯйхати адабиёт (122 номгӯй), рӯйхати тасвирҳо иборат аст. Инчунин панҷ замима бо маводхои тасвирӣ (нақшаҳо, генпланҳо, диаграммаҳо ва расмҳо дар 36 саҳифа), мазмуни диссертацияро пурра карда, ҳаҷми умумии он 186 саҳифаро ташкил медиҳад.

***Арзиши навгонӣ ва эътимоднокии рисола.*** Усули таҳқиқоти диссертатсия дар асоси принсипи методологии ягонагии раванди таҳқиқот, фаъолияти назариявӣ ва таҷрибавӣ таҳия гардида, дар асоси барномаи ягона амалӣ карда шуда, заминаи методӣ оид ба тарҳрезии "маҳаллаҳои анъанавӣ" бо биноҳои камошёнаи дастраси мардумӣ ва марказҳои иҷтимой,ҳамчун шаклҳои ибтидоии шаҳрсозӣ дар робита бо шароити рушди муосир ва ояндаи шаҳрҳои таърихӣ дар минтақаҳои наздикӯҳӣ пешниҳод гардидааст.

Дар умум, бояд зикр намуд, ки натиҷаҳои илмии бадастовардаи унвонҷӯ Билим М.У. дастовардҳои ҷадиди илмӣ дар соҳаи меъморӣ аз рӯи ихтисоси 05 23 22 – Шаҳрсозӣ, тарҳрезии маҳалҳои зисти деҳот ба ҳисоб меравconfigured.

***Камбудӣ ва эродҳо оиди рисолаи илмӣ:***

1. Аз матни диссертатсия муайян нест, ки таҳияи "Барномаи навини ташаккули маҳалҳои истиқоматӣ дар сохтори шаҳри Кобул ва корбасти мемориву тарҳрезии он ҳамчун намуна барои минтақаҳои марказии наздикӯҳии Афғонистон" кай ва аз ҷониби ки амалӣ карда шудааст ё мешавад (саҳ. 8, абз.1)?

2. Дар б. 1.3. ҷадв. 1.4 сухан дар бораи мушаххасоти мастерпланҳои тарҳшуда барои шаҳри Кобул меравад ва давраи ниҳоии он ба соли 1979 таалуқ дорад. Оё баъдан дар бистсолаи аввали асри XXI ягон коре ба анҷом расонимда нашудааст?

3. Дар рисола (саҳ. 38-39) оиди гуруҳбандии шаҳрҳои калони Афғонистон дар асосӣ меъёрҳои дигар кишварҳои мутараққӣ муайян гардидааст. Бояд мушахас намуд, ки ин кадом кишварҳо мебошанд?

4. Маълум нест, ки маълумоти банди 4 хулосаҳои боби якум (саҳ. 69. Б.4) дар асоси таҳлилу таҳқиқи кадом ҳуҷҷати расмӣ ба даст омадаанд.

5. Боби 2-юми диссертатсия ба шароити шаҳрсозӣ ва омилҳои ташаккули сохтори тарҳрезии маҳалҳои шаҳрҳои калон - маркази вилоятҳои Афғонистон бахшида шудааст. Вобаста ба ин, муаллифро мебоист ба таҷрибаи мамолики Осиёи Марказӣ, аз ҷумла Тоҷикистону Узбекистон аҳамияти бештар диҳад.

